*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004-и*
*назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17).*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Собирзода Нуралӣ Миралӣ дар мавзӯи "Мукаммалсозии механизми танзими давлатии хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бозор", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ (менеҷмент) пешниҳод карда шудааст.**

Дар Тоҷикистон дигаргуниҳои иқтисодӣ ба таъмини рушди ҳамаҷонибаи соҳаи аграрӣ тавассути бунёди шароитҳои барои инкишофи баробарҳуқуқии шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар деҳот, ташаккулёбии иқтисодиёти бисёрсоҳа, истифодабарии оқилонаи захираҳои замину об нигаронида шудаанд. Аз ин лиҳоз ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки таҳқиқи асосҳои илмии такмилдиҳии механизми танзими давлатии хоҷагии қишлоқи кишвар, алалхусус дар партави татбиқи ислоҳоти аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, баҳисобгирии омилҳои рушди кишоварзӣ ва гузариш аз иқтисодиёти аграрӣ-саноатӣ ба саноатию аграрӣ, ки яке аз самтҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ муайян гардидааст, ниҳоят муҳим, бомаврид ва рӯзмарра ба ҳисоб меравад.

Бинобар ин, мубрамияти мавзӯи интихобнамудаи Собирзода Нуралӣ Миралиро барои рушди иқтисоди реалии кишварамон хело баланд ва саривақтӣ арзёбӣ намудан зарур аст.

Таҳлили автореферат нишон дод, ки муаллиф дар натиҷаи таҳқиқот муайян намудааст, ки зиёда аз 60-70%-и маҳсулотҳои соҳаи агросаноатӣ воридотӣ буда, боиси аз байн бурдани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ гардидааст. Дар ин самт пешниҳодҳои муаллиф хело саривақтӣ аст, аз ҷумла: роҳҳои баланд бардоштани сатҳи устувории молиявии корхонаҳои хоҷагии қишлоқ тавассути субсудиякунонии истеҳсоли маҳсулоти муҳими хоҷагии қишлоқ, рушди ҳама намуди ҳамкориҳои кишоварзӣ, ташкили шабакаи анборҳо ва коркарди аввалияи ашёи хоми хоҷагии қишлоқ, рушди инфрасохтори нақлиётӣ, пешкаш карда шудаанд.

Дар сатҳи зарурӣ механизми дастгирии давлатии хоҷагии қишлоқ ва танзими сатҳи зиддиинҳисории соҳа бо риояи меъёрҳо ва принсипҳои Созмони умумиҷаҳонии савдо дар доираи «сабади сабз» ё «сабади кабуд», ки барои истеҳсолкунандагони соҳаи алоҳидаи маҳсулоти

хоҷагии қишлоқ дар бозори дохилӣ маҳдудиятҳои рақобати сунъӣ эҷод намекунад, пешниҳод карда шудааст.

Аз таҳлили автореферат бар меояд, ки муқаррароти назариявӣ-методологӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда ҳангоми таҳия ва амалисозии қарорҳои идоракунӣ дар корхонаҳо ва хоҷагиҳои деҳқонии соҳаи хоҷагии қишлоқ истифода бурда мешаванд. Инчунин дар автореферат ақидаҳои мактабҳои иқтисодӣ ва олимони ватанию хориҷӣ дар амал асоснок карда шуда истифодаи онҳо дар Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Ҳамзамон ҷиҳатҳои мусбии дигари диссертатсия дар аст, ки муаллиф консепсияи муосири рушди хоҷагии қишлоқи кишварро таҳия ва коркард карда, аҳамияти онро дар таҳрири консепсияи мавҷуда асоснок намудааст, ки аҳамияти хело баланди амалӣ дорад.

Боиси дастгирӣ самтҳои пешниҳодшудаи самарабахши танзими давлатии рушди ҳоҷагии қишлоқ бо назардошти омилҳои рақобаттпазирии соҳа, вазъи инфрасохтори он ва норасоии захираҳои молиявӣ мебошанд.

Дар хулосаи диссертатсия муаллиф пешниҳодотро оид ба истифодаи натиҷаҳо, ки барои такмили механизми дастгирии молиявии рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар шароити муносибатҳои нави иқтисодӣ заруранд пешниҳод кардааст.

Дар баробари аҳамияти назариявӣ, амалӣ ва нуктаҳои муҳим, автореферат аз норасоиҳо низ орӣ нест, ба монандӣ:

1. Таҳлили автореферат нишон медиҳад, ки дар рисола ба таҳқиқи асосҳои назариявии танзими давлатии рушди хоҷагии қишлоқ дар шароити бозор ҷойи асосӣ ҷудо карда шудааст. Мутассифона дар автореферат на ҳамаи ҷанбаҳои таҳқиқи назариявию методологии ин мавзӯи хело муҳим вобаста ба шароити имрӯзаи хоҷагии қишлоқи кишвар ва минтақаҳои он ба пуррагӣ баррасӣ шудааст;

2. Мутаассифона дар автореферат пешниҳодҳои мушаххас оид ба истифодаи шаклҳо, моделҳо ва механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар хоҷагии қишлоқ оварда нашудааст;

3. Дар автореферат ба баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолияти хоҷагии қишлоқ дар минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ, ҳолату сабабҳои рақобатпазирии пасти маҳсулотҳои ватанӣ нисбат ба маҳсулотҳои воридотӣ диққати асосӣ дода нашудааст.

4. Дар автореферат баъзе аз мафҳумҳо ва ҷабҳаҳо ба тариқи конкретӣ баён карда нашудаанд.

Камбудиҳое, ки дар боло қайд карда шуданд, моҳияти назариявӣ ва амалии рисолаи мазкурро кам намекунанд ва дорои характери тавсиявӣ мебошанд.

Автореферат ва корҳои чопшуда ба пуррагӣ таркиби диссертатсияро дар бар мегиранд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷмӯи корҳои илмию амалӣ ва дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда нашр шудааст.

Таҳлили автореферат нишон дод, ки соҳаи таҳқиқ ба бандҳои Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илмӣ (илмҳои иқтисодӣ) аз руйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ (менеҷмент) мувофиқат мекунад.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи мазкур таҳқиқоти илмии ба анҷом расида махсуб шуда, дорои ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии нави ҳалли масоили мукаммалсозии механизми танзими давлатии хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бозор мебошад.

Аз ин рӯ, мо чунин меҳисобем, ки диссертатсияи Собирзода Нуралӣ Миралӣ дар асоси талаботи илмӣ-назариявӣ ва амалияи муосир анҷомёфта буда, аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯ ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст. Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи он Собирзода Нуралӣ Миралӣ дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ (менеҷмент) дода шавад.

**Муқарриз, д.и.и., дотсент,**
**профессори кафедраи**
**менеҷмент ва иқтисодиёти меҳнати**
**Донишгоҳи давлатии**
**тиҷорати Тоҷикистон** **Саидова Мунавар Ҳамидовна**

**Суроғаи донишгоҳ:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳоти, ½, Телефон: +992(37) 234-83-46 , +992(37) 234-85-46, (+992) 93 444 41 08 (м.). E-mail: saidova60 @mail.ru, www.tguk.tj.

Имзои д.и.и., дотсент Саидова М.Х.-ро тасдиқ менамоям:

**Сардори раёсати кадрҳо ва ҳуҷҷатнигории ДДТТ** **Мумтоз Назирӣ**